# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Мавзуи таҳқиқотии Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» яке аз масъалаҳои калидӣ ва мубрами илми педагогика, махсусан соҳаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва навсозии раванди таълим мебошад. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавии босуръат, бархӯрди арзишҳо ва таҳдидҳои афзояндаи фарҳанги хориҷӣ ба насли наврас, зарурати бознигарии мазмун ва усулҳои таълиму тарбия ба миён омадааст. Ин таҳқиқот бо назардошти шароити воқеии иҷтимоӣ ва тағйироти муосири менталӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ, аҳамияти назарраси илмӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Муаллиф ба омӯзиши масъала бо нигоҳи илмӣ, бо такя ба аснод ва ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ (Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон», Консепсияи миллии маълумот ва ғайра), инчунин бо ҷалби мероси илмии олимони гузаштаву муосир, назар андохта, масъалаи мазкурро таҳлил намудааст.

Кори таҳқиқотӣ дорои самтгирии инноватсионӣ, сохтори возеҳ, асосноккунии назариявӣ ва методологӣ, инчунин заминаи мустаҳками эмпирикӣ мебошад.

Ҷанбаҳои навоваронаи асосии он иборатанд аз:

- ошкор ва асоснок намудани идоракунии демократӣ ва муносибати босалоҳият дар баланд гардидани сифати таълим ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- тавассути арзишҳои демократӣ ва муносибати босалоҳият навсозӣ намудани мақомоти худидораи донишҷӯён ба ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар дараҷаи нав;
- аниқ гардонидани моҳияти демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият дар ҷараёни таълиму тарбия дар омодагии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баҳри софдилона хизмат намудан ба халқу ватан;

- махсусияти демократикунонии чараёни таълиму тарбия ва муносибати босалоҳият таҳқиқ карда шуда, ташаккул додани он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок гардонида шуд;

- омодагии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар иҷтимоишавӣ ба таври муоинавӣ тасдиқ гардид;

- шароитҳои педагогии демократикунонии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва ба таври озмоишӣ санҷида шуда, собит намуд, ки муносибати босалоҳият метавонад ба сифати таълим такон бахшида, иҷтимоишавии донишҷӯёнро тезонад.

Таҳқиқот дар асоси усулҳои муосири илмӣ, аз ҷумла таҳлилҳои назариявӣ, пурсиш, мусоҳиба, мушоҳидаи педагогӣ, инчунин озмоишҳои таҷрибавӣ гузаронида шудааст.

Сохтори марҳилавии кори илмӣ, ки дар се давраи пайдарпай амалӣ шудааст, нишон медиҳад, ки муҳаққиқ ба ҷараёни таҳқиқ бо тарзи тарҳрезишуда, бо истифода аз усулҳои мувофиқи илмӣ ва бо риояи мантиқу пайдарпайӣ муносибат намудааст.

Сохтори автореферат дар маҷмуъ бо меъёрҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, масъала ва ҳадафи таҳқиқ бо мантиқ ва пайдарпайӣ ифода ёфтааст. Забони баён то андозае илмӣ, равон ва муҳтавои мантиқии масъала равшан аст. Муаллиф дар баёни мавзуъ кӯшиш намудааст, ки истилоҳот ва категорияҳои калидии педагогикаро дар чаҳорчӯби таҳқиқоти худ тавсиф ва асоснок намояд, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо робитаи мантиқии байни ҷанбаҳои назариявӣ ва татбиқи амалӣ метавонад боз ҳам тақвият ёбад.

Кори илмӣ дорои муҳтавои амиқ ва асосҳои устувор аст, вале бархе ҷанбаҳо метавонанд дар оянда таваҷҷуҳи бештарро талаб намоянд:

1. Хуб мешуд ҷанбаҳои муқоисавии байналмилалӣ, аз ҷумла таҷрибаи кишварҳои дигар дар масъалаи демократикунонии раванди таълим ва таъсири он ба салоҳияти иҷтимоии донишҷӯён дар кор васеъ кушода дода мешуд.

2. Дар кори таҳқиқоти баъзе ғалоатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад.

Бо вуҷуди ин, ин нуктаҳо ҷанбаҳои такмилдиҳандаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ муҳтавои умумии арзишманди кори илмиро коҳиш намедиҳанд.

Автореферати диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» бо риояи пурраи талаботи КОА-и

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Қарори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогика ва
психологияи Коллеҷи омӯзгории ба
номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон,
ба номи Садриддин Айнӣ Қаюмова Ҳ.Т.

16.06.2025

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 73; Тел: 904 40 66 90; E-mail: kayumova.1973@inbox.ru

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Наҷмиддинов Ш.